**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Ҷамолиддин Сафол**
**дар мавзуи «МАСОИЛИ МУБРАМИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК (НИМАИ ДУВУМИ ҲАЗОРАИ II ТО МЕЛОД – АСРИ IX) ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН»,**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих**
**аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2025.**

Мавзуи рисолаи доктории Шарифзода Ҷ.С. фарогири масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик буда, дар доираи консепсияи таърихнигории замони муосир ва ба талаботи илм ҷавобгӯ таҳқиқот сурат гирифтааст. Осори бунёдии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба таърихи халқи тоҷик бахшида шудааст, ба таври мушаххас баррасӣ мегардад.

Муаллиф дар муқаддимаи рисола аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, сарчашмаҳои омӯзиши мавзуи мазкурро нишон дода, ҳамзамон ҳадаф ва мақсади таҳқиқот, навоварӣ ва асосҳои методологии таҳқиқотро хеле хуб ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Пойгоҳи манбавии таҳқиқотро сарчашмаҳои муҳим ва боэътимод, пеш аз ҳама манбаҳои хаттии таърихӣ ва сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии таълифгардидаи муаррихон ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин муаллиф сарчашмаҳои мавриди истифодаро вобаста ба мазмуну муҳтаво ва фарогирии мавзуъҳои баррасигардида ба ду гурӯҳ ҷудо намуда, хеле хуб ба риштаи таҳлил кашидааст.

Дар панҷ боби рисола масъалаҳои муҳимму фарогир бо истифодаи самаранок аз осори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сарчашмаву натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ таҳлил мешавад. Зербобҳои бобҳои рисола асосан ба мавзуҳои мубраму баҳснок бахшида шудааст. Махсусан, шарҳу тавзеҳи масъалаи ватани нахустини аҷдоди тоҷикон – ориёиҳо, ки сад соли охир роҷеъ ба он назарияҳои мухталиф аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ иброз мешавад. Айни замон дарку фаҳмиши масъалаи мазкур барои ҷомеаи муосири миллии тоҷикон аҳаммияти бисёр муҳим дорад.

Масъалаи шинохти тамаддуни ориёӣ ва ҳудудаи густариши он аз ҷониби муаллиф бо истифода аз консепсияи таърихнигории ҷадид хеле ба маврид шарҳу тавзеҳ дода мешавад. Асосан мавзуҳое баррасӣ мешаванд, ки аз нигоҳи имрӯз барои ҳифзи манфиатҳои таърихии тоҷикон аҳаммияти махсус доранд. Корномаи чеҳраҳои мондагори 'сиёсӣ ва фарҳангии аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик, ки дар масири давлатсозӣ ва истиқлолхоҳӣ анҷом додаанд дар диссертатсия бо услубу нигориши хоссаи илмӣ инъикос мегардад. Муборизаи истиқлолхоҳонаи аҷдоди тоҷикон дар Мовароуннаҳру Хуросон бар муқобили сиёсати истисмории арабҳо, ҳаракати шуубия ва ворид гардидани хонадонҳои тоҷиктабор ба корҳои идории хилофат дар асоси осори Эмомалӣ Раҳмон таҳлил шудааст. Ҳамчунин, паёмади ҳаракатҳои озходихоҳона ва фикрии тоҷикон аз ҷониби муаллиф асоснок шуда, таъкид мегардад, ки ин ҷунбишҳо заминаи таъсиси нахустин давлати миллии тоҷиконро гузошт.

Дар раванди таҳқиқи рисолаи мазкур Шарифзода Ҷ.С. пеш аз ҳама ба ҷанбаҳои таҳқиқотӣ диққати махсус дода, дар рафти таҳқиқот риояи истифодаи усули диалектикии илмӣ - таърихию фарҳангиро роҳандозӣ намуда, тамоми ҷузъиёт бо аҳдоф ва вазифаҳои таҳқиқот тавъам буда, пешгуфтор, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда, ки аз 422 номгӯй иборат аст, мавриди муфассали тадқиқот қарор додааст.

Дараҷаи таҳқиқоти омӯзиши мавзуъ ба талабот мувофиқ буда, олимону муҳаққиқон баъзе аз масъалаҳои баррасишавандаи осори Эмомалӣ Раҳмонро мавриди таҳқику омӯзиш ва тахлил қарор додаанд. Дар омӯзиши масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна консепсияи таҳқиқотии олимону муҳаққиқони ватанӣ, Осиёи Миёнаву Афғонистон, Эрон, кишварҳои Араб, Русия ва Аврупову Амрико ба таври назаррас мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Мазмуну муҳтавои автореферати диссертатсия дар мақолаю корҳои чопшудаи илмии муаллиф, ки дар рӯйхати интишороти илмии довталаб иборат аз 30 номгӯй омадааст, пурра инъикоси худро ёфтааст. Дар автореферати

тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар сатҳи омӯзиши мавзуъ осори на ҳама муҳаққиқони таҳқиқгари масъалаи баррасишаванда таҳлил мегардад;

2. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки онҳо арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Умуман, рисолаи номзадии Шарифзода Ҷ.С. дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ навишта шудааст ва он бе шак саҳми муҳимми муаллиф дар таърихнигории Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тавр, рисолаи Шарифзода Ҷамолиддин Сафол дар мавзуи «Масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон» ба талаботҳои муқаррарнамудаи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Мудири кафедраи сиёсатшиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва**
**сиёсати Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои таърих:** **Ҳомидзода Ф.М.**
02.06.2025

**Имзои мудири кафедраи сиёсатшиносии**
**ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих,**
**Ҳомидзода Ф.М.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсус:** **Бобоев А.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд. Микрорайони 17, х.1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulbp@rambler.ru.